**ҚАРОРИ**

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 22 сентябри соли 2022** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029 ҳимояи диссертатсияи Назар Муъмин Абдуҷалол дар мавзӯи «Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ», аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (мушовири илмӣ Усмонзода Хайриддин Усмон – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), бо тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ва баромади муқарризони расмӣ: Ҳомидзода Аслидин – доктори илмҳои фалсафа, профессор, декани факултети таҳсилоти ғоибонаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров; Муминов Аҳмад Исматович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишғоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, инчунин баромади мутахассисон доир ба мавзӯи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: Музаффар М. – доктори илмҳои фалсафа, профессор; Ҷононов С. – доктори илмҳои фалсафа, профессор; Солиҷонов Р. – доктори илмҳои фалсафа; Ахмедов С. – доктори илмҳои фалсафа, профессор; Маҳмадизода Н. Д. – доктори илмҳои фалсафа, профессор, дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шӯро оид ба диссертатсияи Назар Муъмин Абдуҷалол, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳамиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Назар Муъмин Абдуҷалол дар мавзуи «Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ», аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои илмӣ, мувофиқи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд.

2. Маводи чопнамудаи муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.

3. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ сарфароз гардонида шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Назар Муъмин Абдуҷалол барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шӯрои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, дотсент** **Худойдодзода Ф.Б.**
**22.09.2022.**